*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷуён, бинои таълимии 7)*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимов Саидалӣ Холович дар мавзуи «Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

Дар давраи кунин сайёҳӣ ҳамчун науди фаъолияти иқтисодӣ барои иқтисодиёти Тоҷикистон мавқеи муҳим пайдо карда истодааст. Соҳаи сайёҳӣ ба рушди дигар бахшҳои иқтисодёт: нақлиёт, саноати хурокворӣ, сохтмон, кишоварзӣ, меҳмонхона, хӯроки умум, тиб ва ғайра мусоидат менамояд, ки дар давраи мавсими фаъоли сайёҳӣ ба сайёҳон хизматҳои иловагӣ мерасонанд.

Воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба институтҳои байналмилалӣ гузаронидани чораҳои маҷмуиро оид ба мукамалгадонии методология ва методикаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ бо мақсади баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба сайёҳон, муқаррар намудани нархи хизматрасонӣ, наздик намудани пояи меъёрию қонунгузорӣ мувофиқи талаботҳо ва стандартҳои байналимлалиро тақозо мекунад. Бинобар ин, дар шароти рақобати озод муайян намудани самтҳои асосии баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба сайёҳон ва паст намудани нархи хизматрасонӣ бе мукамалгардонии низоми баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ, ки менеҷерон ва роҳбарониро бо маълумоти зарурӣ барои қабули қарорҳои дахлдори идоракунӣ таъмин менамоянд, ғайриимкон мебошад. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар соҳаи сайёҳӣ дастурҳои методӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷот дар корхонаҳои сайёҳӣ пурра коркард нашудаанд, ки зарурати коркардҳои назариявӣ ва амалӣ оиди таснифоти хароҷот, арзишмуайянкунӣ, истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ, фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ, сиёсати баҳисобгирӣ, назорати дохилии натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ вобаста ба хусусиятҳои соҳавии сайёҳӣ пеш меояд.

Бинобар ин, сатҳи нокифояи коркарди масъалаҳои назариявӣ, методологӣ, методӣ ва амалии баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷот, инчунин методикаи арзишмуайянкунӣ, истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ аз саривақтӣ ва мубрамии мавзуи интихобнамудаи Раҳимов С.Х. шаҳодат медиҳад.

Тавре, ки аз таҳлили автореферат дида мешавад, диссертатсияи Раҳимов С.Х. дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Дар автореферат қайд карда шудааст, ки ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ амри зарурӣ буда, имконият медиҳад, ки раванди кори онҳо дуруст ва махсаднок ба роҳ монда шуда, самаранокии фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ таъмин карда шавад. Дар диссертатсия субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ (корхонаҳои сайёҳӣ) вобаста ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ

ба ду гуруҳ ҷудо карда шудааст (с. 14). Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки аз бонизом ба расмият даровардани муносибатҳои байниякдигарии корхонаҳои сайёҳӣ, ташкили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоббаробаркунии байни онҳо, низоми назорати фаъолияти субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ, иешниҳоди ҳисоботи молиявии саҳеҳ тибқи талаботи СБҲМ, барои ҷалби сармояи дохилӣ ва берунӣ ва рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ хеле муфид мебошад (с. 15).

Саҳми муҳими дигар ин муайян муаммоҳои методологии баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар соҳаи сайёҳӣ аз руйи ду гурӯҳ (с. 20), ки методологияи умумӣ оид ба қонунҳои умумии сайёҳӣ, таасуроти дуруст ва аниқ вобаста ба махсусиятҳо ва қисматҳои таркибии онро таъмин менамояд, инчунин ташкили ҷараёни ташкили даврагии баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳиро ва пайдарпайӣ он тибқи талаботи СБҲМ коркард карда шудааст (с. 21).

Ворид намудани тағйиротҳои мутобиқ дар ҳисобҳои ҷорӣ пешниҳод ва асоснок карда шудаанд, ки хусусиятҳои хоси пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ мувофиқи нишонаҳои таъинот, иттилоотӣ, нақшаи ҳисобҳо, низоми навиштаҷот ва дараҷаи дарккунӣ онҳо аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад (с. 28). Инчунин, равишҳои асосии ташаккули сиёсати баҳисобгириро ҳамчун асоси методологии илмии баҳисобгирӣ истифода бурда, ду варианти методикаи таҳияи низомномаи дохилиширкатӣ оиди баҳисобгирии муҳосибӣ дар сайёҳӣ пешниҳод карда шудааст, ки боиси дастгирист (с. 30-31).

Амсилаи пешниҳоднамудаи муаллиф оид ба ташкили низоми назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, сохтори таркибии низоми назорати дохилӣ аз лиҳози илмӣ ва амалӣ асоснок буда (с. 33), дар ҳолати муносибатҳои ба низом даровардашудаи байни субъектҳои назоратии корхонаҳои сайёҳӣ самараноканд, ки маросимҳои назоратиро оиди амалиётҳои хоҷагидории амалишаванда, аз ҷумла санҷиши мақсаднокии амалишавии амалиётҳои хоҷагидорӣ ва пурра инъикос намудани онҳо дар ҳисобгирӣ, барои ташаккули иттилооти фаврӣ ва эътимоднок барои низоми менеҷментро таъмин мекунанд.

Модели коркардашудаи ташкили баҳисобгирии хароҷот ва даромадҳо дар корхонаи сайёҳӣ илман асоснок буда, мундариҷаи модел, ки объектҳои баҳисобгирии даромаду хароҷот, воҳидҳои арзишмуайянкунӣ, усулҳои баҳодиҳӣ ва тартиби баҳисобгирии захираҳо, баҳисобгирии подоши меҳнат, усулҳои арзишмуайянкунии хадамоти корхонаҳои беруна, усулҳои баҳисобгирӣ ва тақсимкунии хароҷоти барилова, усулҳои баҳисобгирии таркибӣ ва таҳлилиро фаро мегирад (с. 41-42), боиси дастгирист, зеро равиши мазкур барои ташкили баҳисобгирӣ ва пешниҳоди ҳисобот вобаста ба даромадҳо ва натиҷаи молиявии сегментҳо, маказҳои масъулият замина мегузорад.

Хулоса, диссертант дар диссертатсия тавонистааст, ки ҷанбаҳои калидии методология ва методикаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва назоратро дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ мавриди муҳокима қарор диҳад. Муаллиф таҳқиқоти илмиро бо риояи тамоми талаботҳои иҷроиши он ба итмом расонидааст, ки дорои аҳамияти илмию амалӣ мебошад.

Дар баробари бартариятҳо дар автореферат баъзе камбудӣ ва норасоиҳо ба назар мерасанд, ки онро ҳамчун эрод бояд қайд намоем:

-муаллиф усулҳои гуногуни баҳисобгириро дар фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ пешниҳод ва амалӣ намудааст, аммо дар афтореферат самаранокии иқтисодии онҳо муйян карда нашудааст;

-мавзуи интихобнамудаи муаллиф хеле васеъ мебошад, бинобар ин дар таҳқиқотҳои оянда васеъ намудани объект пеш меояд.

Камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар боло қайд карда шуданд, мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти анҷомдодашударо коста намегардонанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд. Автореферат ва мақолаҳои чопшуда мазмуну мундариҷаи диссертатсияро ба пуррагӣ дар бар мегиранд.

Дар маҷмӯъ, чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки диссертатсия ба талаботҳои б. 32, 33, 34, 35 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти рақами 267) ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Раҳимов С.Х. сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мебошад.

**Тақризнавис:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва**
**сиёсати Тоҷикистон** **Ризозода Тӯра Раббим**

Суроға: 735700,Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд шаҳри Хуҷанд ,17-мкр-н, хонаи 1, Телефон: (+992) 3422 23594 E-mail: t_rizokulov@mail.ru

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Тӯра Раббимро тасдиқ мекунам,

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Бобоев А.Ҳ.

"13" январи 2025